# КОРРУПСИЯ – ОМИЛИ КОСТА ГАРДИДАНИ БОВАРИИ ШАҲРВАНДОН

**Яке аз омилҳои номатлуби ҷомеа, ки аз давраҳои қадим то ба имрӯз арзи ҳастӣ намуда истодааст, ин ришвагирию порахӯрӣ мебошад. Албатта, дар ҳар давру замон шахсони палиду нобакор, тамаъҷӯ зиндагӣ мекунанд ва ҷомеаро бо амалҳои нопокӣ худ доғдор месозанд. Боиси таассуф аст, ки ин амали зишт дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва тамоми сохторҳои амалкунандаи давлатӣ мавчуд аст. Ҳарчанд ҳамаи арзишҳои ахлоқӣ ба шакли қонуну санадҳои дигар ба чаҳорчубаи муайян дохил карда шудаанд ва ба муқобили ин зуҳуроти номатлуб, яъне коррупсия мубориза бурда мешаванд, ҳануз ҳам тухми онро решакан карда наметавонанд.**

Дар ҷомеае, ки сармоя нақши калидиро соҳиб аст, арзишҳои маънавӣ ё ахлоқӣ мавқеи худро қисман аз даст медиҳанд. Зеро талошҳои беинтиҳо барои фоида ба ҳарисӣ, тамаъ, чашмгуруснагӣ мерасонад ва ба муносибатҳои неки инсонӣ латма мезанад. Ин гуна вазъият ҳурмату муносибати миёни одамонро барҳам дода, ба костагии ахлоқ сабаб мешавад.

Дар пайи ба даст овардани фоида шахсони тамаъкору ришвахур аз ягон кор чиз рӯй намегардонанд. Барои онҳо муҳимтарин ҳадаф ба даст овардани фоида аст ва дар ин кори зишт ахлоқу маънавиётро қурбон мекунанд. Ҳарчанд хислатҳои неки инсонӣ, яъне арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти инсон ва ҷомеа зарурияти ногузире доранд, барои одамони порахӯру ришвагир ин арзишҳои ахлоқӣ арзише надоранд. Зеро ба қавли Синои бузург: «Сармоя (пул) одамро ба дараҷаи ваҳшоният мерасонад.»

Пас, барои ба ин гуна корҳои бад даст назадани инсон бояд виҷдону ахлоқи неки онҳоро бедор кард. Ахлоқ дар ҳаёти ҷамъиятӣ яке аз роҳу василаҳоест, ки рафтору кирдори инсонро дар зиндагӣ ва ҷамъияти одамон нишон медиҳад. Моҳияти ахлоқ дар он инъикос мегардад, ки одамон зарурати рафтору кирдори худро дарк мекунанд, ки он ба талаботи маънавии ҷомеа рост меояд. Эҳсоси масъулият, виҷдон, ғуруру номус дар ҷомеа шакл мегирад.

Ахлоқи нек одамро аз кирдорҳои баду ношоиста дур меандозад. Дар миёни меъёрҳои ахлоқӣ пеш аз ҳама шарму ҳаё ва виҷдон нақши махсус доранд.

Бахусус, виҷдон сари тасмими одам дар ин ё он масъала ё кору фаъолияте нақши асосӣ бозида, ӯро бозмедорад, ки ба ин кор даст занад ё назанад. Набудани виҷдон дар одам таназзули ахлоқӣ ба барҳамхурии ҳамаи арзишҳои маънавӣ сабабгор мегардад. Ва шахсоне, ки ба порахӯри одат кардаанд, виҷдон надоранд, зеро барои онҳо ягон муқаддасоте арзиш надорад, ба ҷузъ молу сарват. Дар ин бора Носири Хусрав чунин гуфта:

**Тамаъ орад ба рӯйи мард зардӣ,**
**Тамаъро сар бибур, гар мардӣ мардӣ.**
**Тамаъдорӣ– саги ҳар тиракешӣ**
**Чу бибриди тамаъ- султони хешӣ**
**Магир ришва, ки ришва хори орад.**

**Мунира Имматшоева, дотсенти кафедраи филологияи англиси ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода**

